**ТАҚРИЗИ**

**мушовири илмии аспиранти шуъбаи таърих ва назари санъати Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Нурматзода Ҳасан дар мавзӯи «Созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумхурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – “Таърихнигорӣ, маъхазшииосӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ”.**

Диссертатсияи Нурматзода Ҳасан дар мавзӯи «Созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик» дар шуъбаи таърих ва назарияи санъати Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта шудааст.

Дар ҷараёни таҳияи диссертатсия Нурматзода Ҳ. аз соли 2013 то кунун дар вазифаи сармутахассиси шуъбаи таърихи нав ва навтарини Муассисаи давлатии Осорхонаи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Соли 2013 Нурматзода Ҳасан шуъбаи рӯзонаи факултети фарҳангшиносии Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзодаро бо дипломи аъло хатм намуда, дорандаи дипломи дараҷаи мутахассис аз рӯи ихтисоси “кори музей ва ҳифзи ёдгориҳо” гардидааст.

Инчониб ба сифати мушовири илмӣ зикр менамоям, ки диссертатсияи Нурматзода Ҳасан ба омӯзиши яке аз масъалаҳои актуалии муосир – таҳқиқи созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи муҳим доир ба омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик бахшида шуда, нахустин бор коллексияҳои созҳои мусиқии ҳамаи осорхонаҳои Тоҷикистон ихтисосан ва ҷомеъ ба риштаи таҳқиқ омадаанд. Зимни ин бо такя ба асноди муътамади бойгонӣ ва осорхонавӣ

аввалинбор шумораи умумии онҳо муайян шуда, барои ҳар яки он шиносномаи хоса мураттаб шудааст. Зимни ин, нахустинбор тавассути таҳқиқоти мазкур Феҳристи пурраи созҳои мусиқии осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шумораи 735 адад таҳия гардидааст.

Муаллифи рисола зимни баррасии масоили назариявии таҳқиқот, аз асарҳои ба мавзуъ марбутбудаи муҳаққиқон Раҷабов А., Нурҷонов Н. Ҳ., Кароматон Ф., Андреев М. С., Беляев В.М., Миронов Н., Ранов В. А., Қобилова Б. Т., Пулатов У. П., Литвинский Б. А., Пичикян И. Р., Вызго Т.С., Бубнова М., Ғуломова Э., Ҳакимов Н.Ғ, Вертков К.А., Благодатов Г., Язовитская Э., Ҷонизода Т.М., Маҳмадамонов Х., Низомов Х., Нуров Г.З., Сайнаков С. П., Шарифзода Ф., ва дигарон самаранок истифода бурдааст.

Боби аввали рисола "Давраҳои асосӣ ва хусусиятҳои хоси омӯзиши созҳои мусиқии тоҷик" буда ва дар ду зербоб табақабандӣ шудааст. Дар зербоби аввал доир ба сатҳи омӯзиши созҳои мусиқии тоҷик, ки дар коллексияҳои осорхонаҳои Федератсияи Россия маҳфузанд, ахбори наву ҷолиб овардааст. Дар зербоби дуюм бошад, то кадом сатҳи омӯзиши созҳои мусиқии коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон таҳлили фаннӣ шудааст. Дар маҷмӯ пажӯҳишгар зимни омӯзиш дар ин боб таълифоти олимони ватанию хориҷиро мавриди таҳқиқ қарор дода, ба назарияҳои бепояи бархе аз навиштаҳои муҳаққиқонро натиҷагирии фаннӣ намудааст.

Мусаннифи рисола боби дуюми рисоларо бевосита ба таҳқиқи созҳои мусиқии колленксияҳои Осорхонаҳои Тоҷикистон бахшидааст. Ӯ бевосита ба осорхонаҳои ноҳияҳои тобеи марказ, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳои Суғду Хатлон сафар намуда, ба ҳар як сози мусиқии дар захираи осорхонаҳо мавҷудбуда аз наздик шинос шуда, таърихи воридшавии созҳои мусиқиро ба осорхонаҳо, мансубияти замонию маконӣ онҳо, инчунин нақш ва мақоми осорхонаҳоро дар самти

гирдоварӣ, ба қайдгирӣ ва ҳифзу муаррифии созҳои мусиқии тоҷик дар рисола кушодааст.

Дар хулосаи рисола унвонҷӯ натиҷаҳои таҳқиқоташро ҷамъбаст намуда, дуруст қайд мекунад, ки омӯзиши созҳои мусиқии коллексияҳои фонди осорхонаҳои Тоҷикистон хело зарур буда, ҳамчун сарчашмаи муҳим барои омӯзиши таърихи фарҳанги мусиқии мардуми тоҷик ба хусус таърихи пайдоиш ва рангорангии созҳои мусиқии мардуми тоҷик хеле муҳим аст.

Бо таваҷҷуҳ ба рисолаи илмии Нурматзода Ҳ. метавон гуфт, ки унвонҷӯ кӯшидааст, коллексияҳои созҳои мусиқии фонди осорхонаҳои Тоҷикистонро дар асоси асноди бойгониҳои фонди осорхонаҳо ва дигар адабиёти илмӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Яъне рисола таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ буда, масоили барррасишаванда бар пояи аснод ба риштаи таҳқиқ омадаанд ва мутобиқу ҷавобгӯ талаботи бандҳои 10, 11, 12, 14, 16 – и КОА оиди «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, унвонҷӯ Нурматзода Ҳ. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор аст.

Мушовири илмӣ,
доктори илмҳои таърих,
профессор Раҷабов А.

“12” июни 2020.

Имзои д.и.т. А. Раҷабовро тасдиқ менамоям:
Сардори шӯъбаи кадрҳо Файзуллоева Г. К.